ДАСТУР

ОИДИ ТАСНИФОТ ВА ТАМҒАГУЗОРИИ МОДДАҲОИ ХИМИЁВӢ ДАР МУВОФИҚАТ БО ТАЛАБОТҲОИ МУВОФИҚ ДАР САТҲИ ГЛОБАЛИИ СИСТЕМАИ ТАСНИФ ВА ТАМҒАГУЗОРИИ МАВОДҲОИ ХИМИЯВӢ (СГС)

ПОСОБИЕ ПО КЛАССИФИКАЦИИ И МАРКИРОВКЕ ХИМИЧЕСКИХ ВЕЩЕСТВ В СООТВЕТСТВИИ С ТРЕБОВАНИЯМИ СОГЛАСОВАННОЙ НА ГЛОБАЛЬНОМ УРОВНЕ СИСТЕМЫ КЛАССИФИКАЦИИ И МАРКИРОВКИ ХИМИЧЕСКИХ ВЕЩЕСТВ (СГС)

Душанбе 2014

Дастур барои кормандони ташкилотҳо ва идорахо, ки ба масъалаҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва идоракунии маводҳои химиявӣ сару кор доранд, пешбини шудааст.

Дастурро метавон ба кормандони илмӣ ва донишҷуёни мактабҳои олии соҳаи мазкур тавсия дод.
Инчунин дастури мазкур барои доираи васеъи истеъмолкунандагони маводҳои химиявии маишӣ, маводҳои лакию рангӣ ва ғайра метавонад роҳнамои хуб бошад.

СМТБМХ - Стратегияи муносибат ба танзими байналмилалии маводҳои химиявӣ
СГС - Мувофиқат дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ

Мундарича

Мукаддима 4
1. Амалишавии СГС дар ҷаҳон 7
2. Амалишавии системаи СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 8
3. Тавсифи базавӣ ва принсипи системаи СГС 10
3.1. Базаи қонунгузорӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва методологӣ дар соҳаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ 10
3.2. Системаи СГС. Хусусият. Сохтор 11
4. Таркиби СГС 15
4.1 Таснифи моддаҳо вобаста ба хатарнокӣ 15
4.1.1 Хатари физикӣ 16
4.1.2 Хатар ба саломатии аҳолӣ 18
4.1.3 Хатар ба муҳити атроф 19
4.2 Таркиби тамғагузорӣ 19
4.2.1 Пиктограммаҳои хатар 20
4.2.2 Калимаҳои огоҳкунанда 30
4.2.3 Н-ибораҳо ва Р-ибораҳо 30
Рӯйхати Н-ибораҳо 31
Рӯйхати Р-ибораҳо 36
4.2.4 Дигар таркибҳои тамғагузорӣ 43
4.2.5 Сертификати бехатарии маводҳо 44
Адабиётҳо 45

Дастур дар асоси амалишавии лоиҳаи ЮНЕП/ЮНИТАР **«Дастгирии иҷрои СМТБМХ ва стратегияи СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр шудааст.**

Мукаддима

Дар ҳуҷҷати фундаменталии «Повестка Дня на 21-й век», ки дар Конфронси Созмони Милалӣ Муттаҳид (СММ) оид ба мӯҳити атроф ва рушд (Рио-де-Жанейро,1992) қабул шуда буд, се бобби ин (19,20,21) ҳуҷҷат бевосита ба идоракунии бехатари экологии маводҳои химиявӣ ва партовҳо бахшида шудааст. Дар бобби 19 «Идоракунии бехатари экологии истифодаи маводҳои химиявии заҳрнок, ҳамчунон аз байн бурдани гардиши байналмилалии ғайриқонунии маҳсулотҳои заҳрнок ва хатарнок» таҳияи барномаҳо дар шаш самт, аз ҷумла фаъолияти мувофиқашуда оид ба тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ, мубодилаи ахборот оиди маводҳои химиявии заҳрнок ва хатарҳои ба он алоқаманд, пешниҳод мешавад.

Баъд аз он, дар соли 2002, дар Саммити ҷумумиҷаҳонии СММ дар бораи рушди устувор дар Йоҳаннесбург (ЮАР) Нақшаи иҷроиши қарорҳо қабул гардид, ки дар он Мақсади 2020 сол ба минимизатсияи асари негативӣ аз таъсири маводҳои химиявӣ ба саломатӣ ва муҳити атроф махсус қайд карда шуд. Муҳимтарин самт барои ба даст овардани ҳадаф эътирофи зарурати ҳавасмандкунии кишварҳо ҳадди ақал фавран ҷорӣ намудан дар хусуси ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ, барои таъмин намудани имконияти пурраи истифодабарии системаи мазкур то соли 2008.

Барои иҷро намудани ӯҳдадорӣ дар робитаи ба тартиб даровардани моддаҳои кимиёвӣ, ки дар Изҳороти Рио-де-Жанейрӣ оиди муҳити атроф ва инкишоф, «Повестка Дня на 21-й век», Изҳороти бехатарии кимиёвӣ дар нақшаи иҷрошавии Йоханесбурги ва дар ҷамъбасти ҳуҷҷатҳои Саммити умумиҷаҳони оиди устуворӣ мустаҳкамкунӣ тайёр намудан ва ба имзо расидани муносибати Стратегияи муносибат ба танзими байналмилалии маводҳои химиявӣ

(СМТБМХ). СМТБМХ аввалин бор ташкилёбии стратегияи комплексӣ ва нақшаи амалиётро барои таъмини бехатарии химиявӣ имконият дод. СМТБМХ дар принсипҳои калидии зерин асос ёфтааст:

- принсипи эҳтиёткорӣ,
- принсипи ивазкунии бехатар,
- принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад»,
- принсипи «ҳуқуқи донистан»,
- принсипи дуркардани маводҳои химиявии хатарнок дар асоси таснифи хатарнокӣ ва риояи ҳуқуқи ҷомеъа.

Ҷорӣ намудани мувофиқат дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ (СГС) – яке аз вазифаҳои асосии СМТБМХ мебошад. Ҳамроҳ намудани СГС дар СМТБМХ ишора ба тарафдории байналмилалии зарурияти мустаҳкам намудани потенсиали СГС ва ҷорӣ намудани муқаррароти он дар стратегияҳои идоракунии маводҳои химиявӣ ва дар барномаҳои милии рушд мебошад. СГС-ро метавон ҳамчун асбоби ҷорӣ намудани қатъномаҳои юридикию байналмилалӣ дар бораи маводҳои химиявӣ ба монанди Конвенсияҳои Роттердамӣ, Базелӣ, Стокголмӣ, Конвенция 170-и Ташкилоти байналмилалии меҳнат ва Протоколи Монреалӣ истифода бурд.

Зарурияти муомилаи бехатар бо партовҳои хатарнок, аз ҷумла дар кишварҳое, ки имконияти безараркунии чунин партовҳо маҳдуд аст дар ҳуҷҷати Ҷамъбасти «Ояндае, ки мо мехоҳем» Конфронси СММ оид ба Устуворӣ ва таррақӣ РИО+20, 2012 (қисми «Моддаҳои химиёвӣ ва партовҳо», пп. 212-223) қайд карда шудааст.

Мувофиқат дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ (СГС) воситаи асосии мебошад, ки мамлакатҳо метавонанд онро барои таҳияи системаи хабардиҳӣ дар бораи хатарнокии химикатҳо ва барои ҷорӣ намудани барномаҳои бехатарии химиявии саросарӣ ҳамчун асос истифода баранд. Ҷунин фаъолият қадами муҳим дар ҳамоҳангсозии таснифи милии химикатҳои хатарнок дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад ва иқтидори бузургест барои расидан ба бехатарии химиёвӣ дар ҳамаи секторҳои

дахлдор. СГС ҳамаи маводҳои хатарноки химиявиро дарбар мегирад, моеъҳои омехта ва аралашиҳо, ҳамчунин тамғагузории онҳо ва шиносномаҳои бехатарӣ, ки дар он бояд ахборот дар бораи зинаи хатари онҳо дарҷ гардида бошад. Тафсири аввали СГС дар соли 2003 нашр шуда минбаъд ҳар 2 сол аз нав боздид мешавад.

Истеҳсол ва истифодаи маводҳои химиёвӣ барои ҳар иқтисоди кишварҳо муҳим аст. Лекин истифода бурдани хатарнокиҳои химиёвӣ ба вобаста шудани саломатии инсон ва муҳити атроф таъсироти зарарнок оварда мерасонад. Барои маълумотноки дар бораи хусусиятҳои хатарнокии моддаҳо, бисёре аз кишварҳо системаи таснифотӣ ва тамғазаниро барои истеҳсоли бехатар, кашонидан, муомилот ва нобуд сохтани ин маводҳо барои худ оғоз намуданд. Дар натиҷа системаҳои таснифотӣ характери маҳдудияти дошта бо ҳамдигар мутобиқ набуданд.

Масалан, дараҷаи олии заҳролудшавии шадид ҳангоми қабули моддаҳо бо роҳи пероралӣ:

- ✓ *- бо $ЛД_{50}$ камтар 50 мг/кг дар стандарти системаи Донишкадаи миллии Амрикоӣ (ANSI);*
- ✓ *камтарин 25 мг/кг – бо миқдори меъёри Аврупоӣ;*
- ✓ *камтарин 5 мг/кг – дар сиситемаи NFPA;*
- ✓ *камтарин 1 мг/кг – бо миқдори меъёри Мексикӣ.*

Бо ҳамин сабаб, дар шарҳ ва коғазбор баъзан якчанд системаи яквақта нишон дода мешуд, бо ҳамин сабаб истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагоне, ки ба савдои байналхалқӣ сару кор доштанд вазифадор буданд, ки тамғазанӣ ва таснифоти моддаҳоро дар асоси якчанд системаҳо вобаста ба мамлакате, ки онҳо маҳсулот мефурӯшанд, ба роҳ монанд. Ин масъаларо таҳияи ягонаи мувофиқат дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ (СГС) аз байн бурд.

Мақсади дастури мазкур – нишон додани принсипҳо ва сохтори системаи СГС, таркиби СГС оид ба таснифот ва тамғагузории маводҳои химиявӣ, тавсифи хатарҳо аз истифодаи маводҳои химиявӣ барои саломати ва муҳити атроф мебошад.

1. Амалишавии СГС дар ҷаҳон

Муайян намудан хатарнокии химиявӣ ва ахборот оиди хатар яке аз қадамҳои аввалини назорати маводҳои химиявӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин раванд, СГС метавонад роли калидиро дар ҳама системаҳои миллӣ оиди идоракунии муомилот бо маводҳои химиявӣ бозад, барои он, ки ба истеъмолкунанда ахбороти дақиқ оиди хатари химиявӣ медиҳад.

Системаи СГС инчунин, дар пешниҳоди маълумот дар тамоми занҷири таъмини маводҳои химиявӣ кӯмак менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, СГС асбоби самараноки тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявии зараровар шуда, барои пешниҳоди маълумот дар бораи ҳамаи маводҳои химиявии воридотию содиротӣ дар тамоми ҷаҳон мусоидат менамояд.

Ба ғайр аз ин, системаи СГС метавонад асос барои системаҳои миллии идоракунии муомилот бо маводи химиявӣ шавад, дар чорчӯбае, ки гурӯҳи маводҳои химиявӣ назорати ҳатмиро талаб менамояд, баҳодиҳии хатар ва идораи хатар дар ҷои корӣ ва ё манъ намудани истифодаи маводи химиявии дараҷаи хатардошта, барои истеҳсоли маводҳои истеъмолшаванда. Ин амалиётҳо бе системаи муайянкунии хатар номумкин аст.

Дар айни замон зиёда аз 60 кишвари ҷаҳон системаи СГС-ро қабул намудаанд: Австрия, Аргентина, Белгия, Булгория, Боливия, Бразилия, Бруней, Британияи Кабир, Венгрия, Ветнам, Гамбия, Германия, Греция, Дания, Замбия, Индонезия, Ирландия, Исландия, Испания, Италия, Камбоджа, Канада, Кипр, Хитой, Лаос, Латвия, Литва, Лихтенштейн, Люксембург, Маврикия, Мадагаскар, Малайзия, Малта, Мексика, Мянма, Нигерия, Нидерланд, Зеландияи Нав, Норвегия, Парагвай, Полша, Португалия, Республикаи Корея, Руминия, Федератсия Россия. Сенегал, Сербия, Сингапур, Словакия, Словения, ШМА, Таиланд, Уругвай, Филиппин, Финляндия, Франция, Чехия, Чили, Швейтсария, Шветсия, Эквадор, Эстония, ЮАР, Япония, давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо.

Қадами муҳим барои бозсозии сиёсати миллӣ оид ба бехатарии химиявӣ, ин таҳияи самти миллӣ ва гузаронидани баҳодиҳии миллии иқтидор, барои амалишавии СМТБМХ оид ба идоракунии маводҳои химиявӣ мебошад. Самти миллӣ – ин шарҳи ҳамаҷонибаи вуҷудоштаи миллии ҳуқуқӣ, ташкили, маъмурӣ, инфраструктураи техникӣ, ки ба самаранок истифодабарии маводҳои химиявӣ алоқаманд мебошад. Чунин профилҳо дар Арманистон, Беларусия, Грузия, Қиргизстон, Қазоқистон, Молдовия ва Узбекистон таҳия шуданд.

Дар як қатор давлатҳои минтақаи Аврупои Шарқӣ, Қавқоз ва Осиёи Марказӣ (давлатҳои ВЕКЦА) дар базаи вазоратҳо ва идораҳо, ки ба идоракунии маводҳои химиявӣ сарукор доранд марказҳои ҳамоҳангсозӣ оиди иҷрои СМТБМХ ташкил дода шудаанд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ Стратегияи ворид намудани системаи таснифи хатар ва пешгирии тамғагузории маводҳои химиявӣ дар асоси СГС дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 2013 ба тавсиб расидааст. Мувофиқи ин Стратегия, органи ваколатдори давлатии Қирғизистон оиди ворид намудани СГС ӯҳдадор аст фаъолиятро оид ба мониторинг ва баҳодиҳии амалишавии СГС-ро ҳамоҳанг созад, ҳарсол дар якҷоягӣ бо дигар идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор ҳисоботи дахлдорро дар бораи ҳолати раванди воридшавии СГС дар Ҷумҳурии Қирғизистон таҳия намуда нашр намояд.

2. Амалишавии системаи СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷорӣ намудани воситаи ягонаи қоидаи тасниф ва тамғазании маводҳои химиявӣ дар сатҳи миллӣ, ки мувофиқи СГС мебошад, яке аз масъалаҳои муҳим ҷиҳати муомилаи бехатар бо маводҳои химиявӣ мегардад. Ҳукуматҳои ҳар кишвар барои муҳаё намудан ва дастгирии самараноки ҳуқуқӣ ва инфрасохторҳои идоравӣ дар ҷоддаи бехатарии химиявӣ масъулият доранд. Ин қонунҳо, ки ҳамаи ҷанбаҳои СГС-ро аз

ҷумла, таснифи элементҳои хатарноки химиявӣ ва омилҳо (тамғагузорӣ ва шиносномаи бехатарӣ), тайёр намудани мутахассисон, сохторҳои маъмурию идоравӣ барои амалишавӣ ва таъмини риояи қонунҳо ва қоидаҳо, ҳамчунин вазифаи назорати гумрукӣ. Корхонаҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ бояд барои истифодаи тасниф ва иҷрои талаботҳо оид ба тамғазании маводҳои химиявӣ дар ҷойҳои корӣ ва дар ҳамаи занҷири таъминкунанда дар гардиши ин маводҳо бояд масъул бошанд.

Дар рушди амалишавии стратегияи СГС иштироки бисёр иҷрокунандагон аҳамияти калон дорад. Ҳамоҳангсозии тарафҳои манфиатдор барои дастгирии ҳамавақтии алоқаи байни гурӯҳҳои калидӣ лозим аст: ҳукумат, корхонаҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ, хадамоти назорати меҳнат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, кумитаҳои миллӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор.

Дар Тоҷикистон бо дастгирии ташкилотҳои байналмиллалии молиявӣ, як қатор барномаҳо ва лоиҳаҳо баҳри паст намудани хавфи ифлосшавии химиявӣ, ки дар сатҳи давлатӣ, Академияи илмҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ амалӣ мешаванд, аммо ин ҳаракатҳо дар самти идоракунӣ ва таъмини бехатарии химиявӣ дар кишвар такмилдиҳии минбаъдаро талаб менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои глобалии муносибати комплексиро барои таъмини бехатари химиявӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмиллалӣ дастгирӣ менамояд. Аз ҷумла, лоиҳаи «Дастгирии амалишавии СМТБМХ ва стратегияи СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба пурзӯр намудани иқтидор барои амалишавии СМТБМХ ва стратегияи СГС равона шудааст. Мақсади асосии лоиҳа ба фароҳам овардани шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба амалишавии СМТБМХ ва саҳм гузоштан ба иҷрои талаботи СГС барои ҳимояи аҳолӣ ва муҳити атроф аз таъсироти негативии маводҳои химиявии хатарнок равона шудааст.

Иқтидори асосии миллӣ барои ҷорӣ намудани СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, ки ба системаи мувофиқашуда дар сатҳи глобалии СГС мувофиқанд мебошад:

- ГОСТ 31340-2007 «Тамғагузории пешгирикунандаи маводҳои химиявӣ. Талаботҳои умумӣ»;
- ГОСТ 19433.3-2010 «Молҳои хатарнок. Тамғагузорӣ»;
- ГОСТ 30333-2007 «Шиносномаи бехатарии маводҳои химиявӣ. Талаботҳои умумӣ»;
- ГОСТ 32423-2013 «Таснифи хатарнокии аралишиҳои химиявӣ бо таъсирот ба организм»;
- ГОСТ 32421-2013 «Таснифи маводҳои химиявӣ, хатар аз хосиятҳои физикию химиявӣ. Усулҳои озмоиши маводҳои химиявии тарканда»;
- ГОСТ 32424-2013 «Таснифи хатари маводҳои химиявии таъсир ба муҳити зист. Талаботҳои асосӣ»;
- ГОСТ 32425-2013 «Таснифи хатари аралашиҳои химиявӣ ва таъсир ба муҳити зист»;
- ГОСТ 19433.1-2010 «Таснифи молҳои хатарнок».

Вазифаҳои асосӣ дар самти ҷорӣ намудани СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд: таҳияи стратегияи СГС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамоҳангсозии амалишавии бехатарии химиявӣ бо дигар тарафҳои манфиатдор, баланд бардоштани маълумотнокии ҳамаи сохторҳои ҷомеъа, ҷорӣ намудани шабакаи минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба амалишавии СГС.

3. Тавсифи базавӣ ва принсипи системаи СГС

3.1. Базаи қонунгузорӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва методологӣ дар соҳаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ

То давраи соли 2014 дар саноати кимиёвии ҷаҳонӣ қонунгузории аз нав бозидшуда, меъёрҳои - ҳуқуқӣ ва базаи методологӣ дар доираи таснифот ва тамғазании моддаҳои кимиёвӣ амал менамояд. Дар бисёри ҳолатҳо ин доира имрӯз ба як шакл дароварда шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои асосие, ки таснифот ва тамғазании моддаҳои кимиёвиро батартиб медароранд, инҳоянд:

- Системаи мувофиқати глобалии таснифот ва тамғазании моддаҳои химиёвӣ (Globally Harmonized System for the classification and labeling of chemicals/система GHS);
- REGULATION (EC) No 1272/2008 OF THE EUROPEAN PARLIAMENT AND OF THE COUNCIL of 16 December 2008 on classification, labeling and packaging of substances and mixtures, amending and repealing Directives 67/548/EEC and 1999/45/EC, and amending Regulation (EC) No 1907/2006;
- Дастур оиди моддаҳои хатарнок – The Dangerous Substances Directive (Directive 67/548/EEC, «DSD»);
- Дастур оиди омехтаҳои хатарнок/доруворӣ – Dangerous Preparations Directive (Directive 1999/45/EC, «DPD»);
- Дастурамал ба низомномаи (EC) №1272/2008 оид ба таснифот ва тамғазанӣ ва бастани (CLP) моддаҳо ва омехтагиҳо/ Guidance to Regulation (EC) No 1272/2008 on classification, labeling and packaging (CLP) of substances and mixtures;
- Дастурамал оид ба тартиб овардани масъалаҳо барои ҳамоҳангсозии таснифот ва тамғазанӣ/ Guidance on the preparation of dossiers for harmonized classification and labeling. Мавриди амалкунии ҳуҷҷат – (дар моҳи май соли 2010 нашр шудааст).

3.2. Системаи СГС. Хусусият. Сохтор

Ҳамоҳангсози техникии ташкили мувофиқат дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиёвӣ «Globally Harmonized Systemof Classificationand Labelling of Chemicals (GHS)» инҳо мебошанд:

Ташкилоти байналхалқии меҳнат (МОТ) (InternationalLabourOrganization - ILO);

Созмони ҳамкориҳои рушди иқтисодӣ (ОЭСР) (OrganizationforEconomicCooperationandDevelopment - OECD).

Зеркумитаи экспертҳо оид ба пурбор кардани молҳои хатарнокӣ Шӯрои иқтисодию иҷтимоии СММ (United

Nations Sub-Committee of Expertson the Transportof DangerousGoods - UNSCETDG).

СГС дар Кумитаи экспертҳо оид ба кашонидани борҳои хатарнок дар сатҳи системаи глобалии таснифотӣ ва тамғазании моддаҳои химиёвӣ дохил мебошад. (КЭПОГ/СГС ООН).

СГС метавонад ба ҳама намуди молҳои химиёвӣ ва ба моддаҳои хатарнокии химиёвӣ, маҳлулҳо ва омехтагиҳо қобили қабул бошад.

Дар СГС пешниҳод шудааст муносибат ба муайян намудани хатарнокиҳо, ки ҳангоми муомила ба маводҳои химиёвӣ, ва таъминкунии маълумот дар бораи хатарнокиҳо ва алоқаманд ба онҳо чораҳои ҳифзи истифодабарандагон ва шахсони дигаре, ки метавонанд зери таъсири маводҳои сахтаъсири химиёвӣ бошанд.

Системаи СГС ба гурӯҳҳо ҷудо намудани тамоми маводҳои химиёвиро имконият дода, дараҷаи хатарноки онҳоро барои саломатии аҳолӣ ва муҳити атроф баҳо дода, чораҳои муҳофизатӣ қабул намояд. Асоси СГС –ро элементҳои зерин ифода менамоянд:

- меъёрҳои мувофиқашудаи муайян намудани баҳои хатарнокӣ ба муҳити атроф ва саломатии аҳолӣ ҳангоми сарукор бо маводҳои химиёвӣ. СГС меъёрҳои мувофиқшударо барои муайян намудани хатари физикӣ (масалан, хатари таркиши сухторӣ), барои саломатии инсон хатарнок (масалан, заҳролудшавӣ ё канцерогенӣ) ва хатарҳои экологро дохил менамояд.
- меъёрҳо, ки дар асоси таҷрибаи бисёре аз кишварҳо барои баҳодидиҳии хатарнокӣ чӣ барои моддаҳои инфироди ва чӣ барои омехтагиҳои бисёркомпонентӣ таҳия шудаанд;
- мутобиқ шудан ва додани иттилоот дар бораи хавфнокӣ, дохил кардани қоидаи тамғазанӣ ва қоидаи маълумоти касбӣ додани истифодабаранда ё ин ки истеъмолкунандаи охирин (Шиносномаи бехатарӣ).

Ҷойгиршавии СГС имконият медиҳад, ки:

- таҳвият додани ҳимояи мардум ва муҳити атроф дар тамоми дунё;
- осон намудани савдои байналмиллалии маводҳои химиявие, ки хатарнокиашон ба таври бояду шояд дар сатҳи байналмиллалӣ муайян ва баҳодиҳи мешаванд;
- кишварҳое ки СГС -ро қабул кардаанд, системаи таҳияшуда ва аз тарафи ташкилотҳои байналмиллалӣ дастгиршаванда, ки имконияти сарфа кардани воситаро барои рушд ва дастгирӣ мебошанд мегиранд;
- раҳо ёфтан аз такрориҳои (зиёдатӣ) озмоиш ва сифати моддаҳои кимиёвӣ бо мақсади муайян намудани хатарнокиашон.

СГС ҳамчун асоси системаи назорати миллии маводҳои химиявӣ

- **Бехатар истифода бурдани маводҳои** химиявӣ
- **Системаи идоракунии хавф (маълумот дар бораи хавф, мониторинг ва назорати таъсиркунанда)**
- Маълумот дар бораи хатарнокии тамғазани СГС ва шиносномаи бехатарӣ
- Таснифотҳои СГС

Системаи СГС аз таркибҳои зерин иборат аст:

- Мутобиқатшуда ***меъёри таснифи моддаҳои хатарнок*** ва аралашиҳои онҳо вобаста аз хатари онҳо ба саломатии инсон ва муҳити атроф, инчунин хатари вобастагӣ ба хусусияти физикию химиявӣ;
- Мутобиқшуда таркиби системаи маълумотӣ аз ҷумла ***талабот ба тамғазанӣ ва шиносномаи бехатарӣ.***

Таснифи хатарҳо дар СГС аз се марҳала иборат аст:

- муайян намудани маълумот доир ба хусусиятҳои хатари маводи мазкур ва аралашиҳо; ва
- таҳлил баъдинаи маълумотҳо барои баҳодиҳии хатар, алоқаманд ба маводи мазкур ва аралашиҳо; ва
- қарор оиди мувофиқи мақсад будани таснифи хатари маводи мазкур ва ё аралашиҳо ва муайян намудан дар ҳолатҳои муқаррарӣ дараҷаи хатар бо роҳи якҷоя намудани маълумотҳо бо меъёрҳои таснифи хатари мутобиқшуда.

СГС синфҳои хатари маводҳои химиявии зеринро муайян менамояд:

- ***Хатари физикӣ (хусусияти физикию химиявӣ)***
- ***Хатар барои саломатии инсон (хусусияти токсикологӣ)***
- ***Хатар барои муҳити атроф (хусусияти экотоксикологӣ)***

Ҳуҷҷати СГС, ки ба таври ғайрирасмӣ онро «китоби бунафш» меноманд аз чор қисм ва якчанд замимаҳо ва дорои низомномаи мувофиқат дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ иборат аст.

Қисми 1 аз муққадима, ки дар он минтақаи паҳншавии СГС нишон дода шуда, таъриф ва таркиби СГС барои маълумоти хатар нишон дода шудааст.

Қисми 2 дорои маълумот дар бораи меъёри таснифи хатар, вобаста ба хусусияти физикию химиявӣ мебошад.

Дар қисми 3 маълумот дар бораи тасниф, вобаста ба зарар ба саломатии инсон.

Дар қисми 4 маълумот дар бораи тасниф, вобаста ба зарар ба муҳити атроф оварда шудааст.

Маълумоти иловагӣ ва дастур (мисол, **оиди тартиби элементҳои тамғагузорӣ ва тайёр намудани шиносномаҳои бехатарӣ**) дар замимаҳо омадааст. Замимаи 4 мундаричаи пурраи СГС (нашри якум такмилдодашуда).
Матни пурраи СГС бо забони русси дар сомонаи зерин аст:
http://sklad-zakonov.narod.ru/asmap/ghs/ghs.htm
http://unece.org/trans/danger/publi/ghs/ghs_rev00/00files_r.html.

Ҳамин тариқ, мақсади асосии ташкилёбии СГС ин таҳияи системаи мувофиқашудаи маълумот дар бораи хатар, тамғагузорӣ, шиносномаи бехатарӣ ва рамзҳои осонфаҳм дар асоси меъёрҳои таснифи хатар, ки махсус барои СГС таҳия шудаанд.

Мақсади дигари таҳия ва ҷорӣ намудани СГС – таъмин намудани осонфаҳмӣ ва шафофияти ин система ва ҳамзамон фарқкунии дақиқ байни намуд ва синфҳо, барои он, ки ин имконият диҳад ба шароити мустақилонаи тасниф намудани маводҳо.

4. Таркиби СГС

4.1 Таснифи моддаҳо бо хатарнокӣ

СГС имконият медиҳад, ки таснифи моддаҳо бо факторҳои хатар дар асоси маълумотҳо дар бораи хусусиятҳои хатари моддаҳо ва аралашиҳо гузаронида шавад. Дар ҳолатҳои ногувор, маълумотҳои дақиқи эпидемиологӣ ва маълумотҳои таъсири моддаҳо ба одамон ва ҳангоми аралашиҳо, ки маълумотҳои дақиқи озмоиши метавонад

набошад, усули интерполятсияи хусусиятҳои таркибии ин аралашиҳо истифода бурда ба инобат гирифта мешавад. Яке аз мақсадҳои система ин таъмини шафофият ва соддафаҳмии он, аз ҷумла имконияти мустақилона гузаронидани таснифи маводҳои химиявӣ мебошад. Барои осон намудани ин вазифа барои баъзе меъёрҳои хатар блок-схемаҳо барои қабули қарори тасниф оварда шудааст. Дар умум, хатарҳо ба хатарҳои физикӣ, хатар барои саломатии инсон ва хатар ба муҳити атроф ҷудо мешаванд.

4.1.1 Хатарҳои физикӣ

Системаи СГС хатарҳои физикӣ зеринро ҷудо менамояд:

- **Моддаҳои тарканда** – ин маводҳо ва ё аралашиҳое мебошанд, ки метавонанд ба аксуламали химиявӣ дохил шуда газ бо чунон ҳарорат ва чунон фишор ва чунон суръат ҳосил кунанд, ки сабаби вайрон шудани молҳои атроф гардад. Моддаҳои пиротехники низ ба чунин гурӯҳҳо дохил мешаванд, гарчанде, ки онҳо газ намебароранд.
- **Газҳои даргиранда** – ин газҳое мебошанд, ки дарачаи даргириашон бо ҳаво дар ҳарорати 20°С ва фишори муътадили 101,3 кПа.
- **Аэрозолҳои даргиранда –** чунин тасниф карда мешаванд, ки агар дар таркибашон ҳадди ақал як қисматашон ба гурӯҳи моддаҳои даргиранда аз рӯи меъёри СГС бошанд.
- **Газҳои оксидшаванда** – ин газҳое мебошанд, ки метавонанд даргиранд ва ё даргирии дигар маводҳоро дар бисёри ҳолатҳо нисбати оксиген кӯмак намоянд.
- **Газҳои зери фишор** – ин газҳое ҳастанд, ки дар зарфҳо зери фишори на камтар аз 200 кПа дар ҳарорати 20°С, ва ё ба мисли гази моеъ ва ё хунуккардашуда мебошанд. Ба ин гурӯҳ дохиланд газҳои фушурдашуда, моеъ, ҳалкардашуда ва хунуккардашудаи моеъ.
- **Моеъҳои даргиранда** – ин моеъҳое мебошанд, ки ҳарорати даргирии онҳо на зиёдтар аз 93 °С.

- **Моддаҳои сахти даргиранда** – ин моддаҳои сахте мебошанд, ки метавонанд ба тези даргиранд ва ё сабаби даргирӣ ва ё ба даргирӣ кӯмак намоянд ҳангоми соиш хӯрдан.
- **Моддаҳо ва аралашиҳои худтачзияшаванда** – ин моддаҳо ва аралашиҳои ба ҳарорат нотобовар мебошанд, ки метавонанд гирифтори тачзияи шиддатнок ҳатто бе иштироки оксиген гарданд. Ба ин гурӯҳ дохил нестанд моддаҳои тарканда, пероксидҳои органикӣ ва моддаҳои оксидшаванда, ки дорои синфи хатари алоҳида дар СГС доранд.
- **Моеъҳои пирофорнӣ** – ин моеъҳое мебошанд, ки ҳатто ба миқдори кам метавонанд дар муддати 5 дақиқа ҳангоми ба ҳаво расидан аланга гиранд.
- **Моддаҳои сахти пирофорнӣ** - ин моддаҳои сахте мебошанд, ки ҳатто ба миқдори кам метавонанд дар муддати 5 дақиқа ҳангоми ба ҳаво расидан аланга гиранд.
- **Моддаҳо ва аралашиҳои худгармшаванда** – ин моддаҳо ва аралашиҳои мебошанд, ки метавонанд худ аз худ ҳангоми расидан ба ҳаво бе расонидани энергия аз берун гарм шаванд. Ин моддаҳо ва аралашиҳо аз моддаҳои пирофорнӣ ба он фарқ мекунанд,ки онҳо дар миқдори калон (килограмм) ва дар мӯҳлати дарози вақи (соатҳо, шабонарӯз) аланга мегиранд.
- **Моддаҳо ва аралашиҳо, ки ҳангоми расидан ба об газҳои даргиранда хорич менамоянд** – ин моддаҳои сахт ва ё моеъ ва аралашиҳое мебошанд, ки ҳангоми бо об расидан метавонанд худ аз худ аланга гиранд ва ё газҳои даргиранда ба миқдори хатарноки хорич намоянд.
- **Моеъҳои оксидшаванда** – ин моеъҳое мебошанд, ки одатан ҳангоми чудошавии оксиген метавонанд аланга гиранд ва ё сузиши дигар маводҳоро кӯмак намоянд ва худ метавонад на ҳама вақт сузишворӣ бошад.
- **Моддаҳои сахти оксидшаванда** – ин моддаҳои сахте мебошанд, ки одатан ҳангоми чудо шудани оксиген метавонанд аланга гиранд ва ё сузиши дигар маводҳоро кӯмак намоянд ва худ метавонад на ҳама вақт сузишворӣ бошад.
- **Пероксидҳои органикӣ** - ин моддаҳои органики дар ҳолати моеъгӣ ва ё сахт, ки дар таркибашон гурӯҳи пероксидии -О-О- доранд ва метавонанд ҳамчун боқимондаи пероксидҳо шумурда шаванд, ки ҳарду атоми гидроген ба радикалҳои органикӣ иваз шудаанд. Пероксидҳои органикӣ моддаҳои ба ҳарорат нотобовар буда метавонанд гирифтори худсуръати вайроншавӣ шаванд.
- **Моддаҳое, ки зангзании металҳоро ба вучуд оранд** – ин моддаҳо ва аралашиҳое, мебошанд, ки метавонанд куллан ва ё тамоман дар натичаи таъсири химиявӣ металҳоро вайрон намоянд.

4.1.2 Хатар барои саломатии инсон

Аз нуқтаи назари таъсир ба организми инсон 9 намуди хатарро чудо менамоянд.

- **Заҳрнокии шадид** – оқибатҳои зарар, ки баъди фурӯбари дар меъда ва ё расидан ба пӯст вояи яккарата ва ё таъсири давравӣ дар муддати 24 соат ва ё бо нафаскашии ҳаво дар муддати 4 соат муайян мешавад. Моддаҳо метавонад ба яке аз панч синфи заҳрнокии шадид вобаста аз нишондоди ЛД50 (пероралӣ, ба воситаи пӯст) ва ё ЛК50 (ингалятсия) дохил шаванд.
- **Хӯрдан/Варами пӯст** – расонидани вайроншавии пӯст бебозгашт ва бозгарданда дар натичаи таъсири моддаҳо дар муддати на зиёдтар аз 4 соат.
- **Вайроншавии чиддӣ/варами чашмҳо -** натичаи вайроншави ва ё тағйирёбии бофтаҳои чашм дар натичаи расидани моддаҳо ба сатҳи чашм. Зарари чиддӣ дар муддати 21 рӯз пас аз таъсир, пурра барқарор намешавад, варам бошад дар муддати 1 рӯз барқарор намешавад.
- **Ҳассоснокии роҳҳои нафас ва пӯст** – баланд шудани ҳассоснокии роҳҳои нафас ва ё аксуламали

аллергетикии пӯст, ки дар натиҷаи таъсири модда пайдо мешавад.

- **Ҳуҷайраҳои мутагеннии ҷанин** – эҳтимоляти баланди мутатсия дар ҳуҷайраҳои ҷанинӣ бо гузаштани мутатсия ба авлод.
- **Кантсерогеннӣ** – баландшавии эҳтимолияти пайдо шудани саратон ва ё шиддатёбии пайдоиши он. Тасниф асос ёфтааст ба хусусияти хоси маводҳо ва маълумот оиди сатҳи хатари бемории саратони инсон ҳангоми кор бо ин мавод намедиҳад.
- **Захрнокии ба репродуктивӣ** – таъсири манфӣ ба функсияи алоқаи ҷинсии мард ва занони калонсол, инчунин пешрафти авлод.
- **Таъсири хоси захрнокии нисбат ба узвҳо**.
- **Хатар ҳангоми аспиратсия** – таъсири зараровар ҳангоми даромадани моддаҳо ба трахея ва қисми поёнии роҳҳои нафас.

4.1.3 Хатар ба муҳити атроф

Ду намуди хатар ба муҳити атроф вуҷуд дорад.

- **Хатар барои муҳити оби.**
- **Хатар барои қабати озон.**

4.2 Таркиби тамғагузорӣ

Баъд аз он, ки маводи химиявӣ ва ё аралашиҳо бо меъёри хатарнокӣ тасниф шуданд, лозим аст оиди хатар ба истифодабаранда хабар дод. Барои ин аз таркибҳои тамғагузорӣ истифода мебаранд: пиктограммаи хатар, калима ишора, чораҳои пешгирикунандаи (Р-ибораҳо) ва характеристикаи кӯтоҳи хатар (Н-ибораҳо). Маълумот дар бораи хатар инчунин дар сертификати бехатарии мавод низ дарҷ мегардад. Дутарафа ҷойгир шудани таркиби тамғагузории борпечҳо дар бобби алоҳидаи матн СГС бахшида шудааст.

4.2.1 Пиктограммаи хатар

Пиктограммаи хатари СГС - аломатҳое, ки барои ишораи намуди хатар ҳангоми кор, нигоҳдорӣ ва ё интиқоли моддаҳо ва маводҳои химиявӣ истифода мебаранд.
Дар системаи тамғагузорӣ ду намуди пиктограмма истифода бурда мешавад: пиктограммаи стандартӣ, ки барои ишораи контейнерҳо, зарфҳо ва ҷойи корӣ дар ҳама ҳолатҳо ба истиснои интиқоли маводҳои хатарнок, ки пиктограммаҳои интиқолии тавсиядодаи СММ истифода мешавад. Вобаста ба мақсад, як намуди пиктограмма интихоб карда мешавад, ҳамзамон ду намуди он дар як вақт истифода бурда намешаванд.

Хатари физикӣ

	Истифодабарӣ	Шарҳ
Маводи тарканда	• Моддаҳои ноустувори тарканда • Моддаҳои таркандаи зергурӯҳи 1.1, 1.2, 1.3, 1.4 • Ҳудтаҷзияи омехтагиҳо ва моддаҳои кимиёвии, намудҳои А, В • Перокмидҳои органикии, намудҳои А, В	Маводҳои тарканда, аралашиҳо ва ашёҳо, аз ҷумла — истеҳсолшудаҳо барои сохтани самараи таркишҳои амалӣ ва ё пиротехникӣ. Дар фаҳмиши моддаҳои тарканда, моддаҳое ҳастанд, ки қодири аксуламали химиявӣ бо ихрочи газҳо бо чунин ҳарорат ва фишор ва бо чунини суръат, ки ин вайроншавии ашёҳои мӯҳитро меоварад, мебошанд. *Мисол: тринитротолуол,турши (кислота) пикринӣ.*

	Истифодабарй	Шарх
Шўъла	• Газҳои даргиранда (гурӯҳи1), моеъҳо (гурӯҳи1, 2, 3) ва моддаҳои устувори (гурӯҳи 1, 2) • Аэрозолҳо, гурӯҳи 1, 2 • Худтаҷзияи омехтагиҳо ва моддаҳои химиёвии, намудҳои B, C, D, E, F • Моеъҳои пирофорнй ва моддаҳои устувор (гурӯҳи 1) • Моддаҳо ва омехтагиҳои химиёвии худгармшаванда гурӯҳи 1, 2 • Моддаҳои химиёвй ва омехтагиҳое, ки газҳои даргиранда ҳангоми расидани об хориҷ мекунанд, гурӯҳи 1, 2, 3 • Пероксидҳои органикй , намуди B, C, D, E, F	Даргиранда **газҳое** ба ҳисоб мераванд, ки дорои якчанд ҳаҷмҳо мебошанд, даргиршавй дар ҳаво ҳангоми 20 °C ва 101,3 кПа. Даргиранда **моеъҳои** дорои ҳарорати даргириашон на зиёда аз 93 °C. **Моддаҳои сахте** , ки метавонанд ба осони даргиранд ё ин, ки сабабгори сўзиш ё кўмаккунандаи сўзиш бошанд, дар натиҷаи соиш, инчунин метавонанд даргиранда бошанд. *Мисолҳо: пропан, бутан, эфир диэтилй , атсеталдегид.*

	Истифодабарй	Шарх
Шўъла дар болои давра	• Газҳои оксидкунандаи гурӯҳи 1 • Моеъҳои оксидкунандаҳои гурӯҳҳои 1, 2, 3 • Моддаҳои сахти оксидкунандаҳои гурӯҳҳои 1, 2, 3	Оксидкунандаҳо он моддаҳое ба ҳисоб мераванд, ки худ на сўзишворй мебошанд, вале сўзиши дигар маводро аз ҳисоби ҷудошавии оксиген, кўмак менамоянд. *Мисолҳо: Оксиген, диоксидихлор, дихромати калий*

	Истифодабарй	Шарх
Зарфи газдор	• Газҳои зери фишор	Ба категория мазкур дохил мешавад, газҳои фушурда,моеъ, ҳалкардашуда ва моеъи хунуккардашуда. *Мисол:зарфҳо бо газҳои фушурда, газҳои моеъи карбогидридҳо (углеводородные)*

	Истифодабарй	Шарх
Зангзанй	• Маводҳои химиявй, ки зангзании металҳоро ба вуҷуд меоранд (ҳамчунин, барои хатарнок барои саломатии инсон истифода мебаранд)	Омехтагиҳо ва моддаҳои химиявие, ки бо метал таасурот доранд, вайрон ё ин, ки несту нобуд мекунанд. *Мисол: туршии хлорид, бром.*

	Истифодабарй
Пиктограмма надорад	• Маводҳои таркандаи зергурӯҳҳои 1.5, 1.6 • Гази даргиранда гурӯҳи 2 • Худтаҷзияи омехтагиҳо ва моддаҳои химявй намуди G • Пероксидҳои органикй намуди G

Хатар ба саломатии инсон

	Истифодабарй	Шарх
Косахонаи сар ва устухонҳои ихтилоотй	• Заҳрнокии шадид (таъсири пероралй, ҳангоми расидан ба пўст, таъсири ингалятсионй), гурӯҳи 1, 2, 3	Моддаҳои химиявие, ки марговаранд, ҳангоми фурубарй, нафаскашй ё ҷабиш дар пўст. *Мисол: туршии плавикй, бром, туршии синилй.*

	Истифодабарй	Шарх
Зангзанй	• Маводҳои химиявй, хуриш/варами пўстро ба вуҷуд меоранд, гурӯҳи 1A, 1B, 1C • Маводҳои химиявй, айроншавй/варами ҷиддии чашмҳоро меоранд, гурӯҳи 1 (ҳамчунин, барои хатари ҷисмонй истифода мешавад)	Моддаҳо, нишондодҳои ба саломатй зараровар. *Мисол: туршии хлорид, гидроксид натрий, туршии плавикй.*

	Истифодабарӣ	Шарх
Аломати хитоб	• Заҳрнокии шадид (таъсири пероралӣ, ҳангоми расидан ба пӯст, таъсири ингалятсионӣ), гурӯҳи 4 • Маводҳои химиявӣ, хуриш/варами пӯстро ба вуҷуд меоранд, гурӯҳи 2 • Маводҳои химиявӣ, айроншавӣ/варами ҷиддии чашмҳоро меоранд, гурӯҳи 2А • Ҳасосонокии пӯст, гурӯҳи 1, 1А, 1В • Моддаҳои заҳрнок, ки таъсири зararашон ба узвҳои ҳадафӣ (ҳангоми таъсири яккаррата), гурӯҳи 3 • Варами роҳҳои нафас • Таъсири нашъагӣ	Моддаҳо, нишондодҳои ба саломатӣ зараровар, балки зараи на камтар барои саломатӣ. *Мисол: карбогидридҳо, лимонен.*

	Истифодабарӣ	Шарх
Хатар барои саломатӣ	• Ҳасосонокии роҳҳои нафас, гурӯҳи 1 • Қобилиятнокии маводҳои химиявӣ, ба мутатсияи ҳуҷайраҳои ҷанин, гурӯҳи 1А, 1В, 2 • Моддаҳои химявии кансерогенӣ гурӯҳҳои 1А, 1В, 2 • Моддаҳои химиявӣ дорои таъаккури заҳролудшавӣ гурӯҳҳои 1А, 1В, 2 • Моддаҳои заҳрнок , маълумкунии зararнокиашон дар таъсири узвҳои ҳадафӣ (ҳангоми таъсири яккаррата), гурӯҳи 1, 2 • Моддаҳои заҳрнок, ки таъсири зararашон ба узвҳои ҳадафӣ (ҳангоми таъсири бисёркаррата), гурӯҳи 1, 2 • Моддаҳои хатарнок, ҳангоми аспирации, гурӯҳи 1, 2	Моддаҳо ва аралашиҳо бо таъсирҳои гуногун ба узвҳои муайян ва ё таъсири зараровари тулонӣ. *Мисол: бензол, эфири петролейнӣ, изосианатҳо, метанол.*
	Истифодабари	
Пиктограмма пешбинӣ нашудааст, вуҷуд надорад	• Заҳрнокии шадид (таъсири пероралӣ, ҳангоми расидан ба пӯст, таъсири ингалятсионӣ), гурӯҳ 5 • Маводҳои химиявӣ, ки хуриш/варами пӯстро ба вуҷуд меоранд, гурӯҳи 3 • Маводҳои химиявӣ, ки вайроншавӣ/варами чашмро ба вуҷуд меоранд, гурӯҳи 2В • Маводҳои химиявӣ, ки дорои заҳрнокии насловарӣ, ба хусус таъсир ба ширдиҳӣ ва ба воситаи ширдиҳӣ	

Хатар барои муҳити атроф

	Истифодабарӣ	Шарх
Муҳити атроф	• Хатар (шадид) барои мӯҳити обӣ, гурӯҳи 1 • Хатар (тӯлонӣ) барои мӯҳити обӣ, гурӯҳи 1, 2	Моддаҳо, ки таъсири манфии шадид ва ё тулонӣ ба организмҳои обӣ доранд. *Мисол: гипохлорит натрия, инсектисидҳо, аммиак.*
	Истифодабарӣ	
Пешбинӣ пиктограммӣ вуҷуд надорад	• Хатар (шадид) барои мӯҳити обӣ, гурӯҳи 2, 3 • Хатар (тулонӣ) барои муҳити обӣ, гурӯҳи 3, 4	

Пиктограммаҳои интиқолӣ

Пиктограммаҳои интиқолӣ шакли квадратро дошта, дар кунҷи 45° моил карда шуда бо андозаи минималии 100 мм × 100 мм мебошанд. Дар масофаи 5 мм аз канор хат паралел бо ҳошияи аломат. Дар кунҷи болои пиктограмма бояд рамзи хатар (ба истиснои пиктограмма барои зерсинфи 1.4,1.5,1.6) ҷойгир шавад, дар кунҷи поён – рақами синф ва зерсинф. Дар пиктограмма метавонад калима, ки хатарро нишон медиҳад омада бошад, масалан, «маводи тездаргиранда». Рамзҳо, рақамҳо ва матнҳо бояд бо ранг сиёҳ бошанд ба истиснои пиктограммаи синфи 8 (ки онҳо бо ранги сафед), пиктограммаҳои бо манзари (фон) сабз, сурх ва ё кабуд (ки онҳо метавонанд ранги сафед дошта бошанд), пиктограмма барои зерсинфи 5.2 (ки рамз метавонад ранги сафед бошад) ва пиктограмма барои зерсинфи 2.1 (дар ҳолате, ки онҳо дар зарфҳо ҷойгиранд). Пиктограммаҳо бояд дар манзари мухолиф ва ё бо контур ҷудошуда ҷойгир шавад.

Гурӯҳи 1: моддаҳои тарканда

Зергурӯҳҳои 1.1—1.3

Истифодабарӣ	Шарҳ
Моддаҳои тарканда • Моддаҳои тарканда, гурӯҳи 1.1—1.3	Моддаҳо ва маҳсулот, ки ҳамчун хатарноки таркиши зиёд, хатари пошхӯрӣ ва ё хатари сӯхтор тавсиф меёбанд. *Мисол: пикрати аммоний, патронҳо барои силоҳ, дуди борут.*

Зергурухи 1.4

Истифодабарӣ	Шарҳ
Моддаҳои тарканда • Моддаҳои тарканда, зергурӯҳи 1.4	Моддаҳои тарканда ва маҳсулот, ки хатари ҷиддӣ надоранд *Мисол: трассерҳо, фейерверкҳо, бонги хатар.*

Зергурӯҳи 1.5

Истифодабарӣ	Шарҳ
Моддаҳои тарканда • Моддаҳои тарканда, зергурӯҳи 1.5	Моддаҳои таркандаи ҳассосияти паст, ки хатари таркиши зиёд доранд

Зергурӯҳи 1.6

Истифодабарӣ	Шарҳ
Моддаҳои тарканда • Моддаҳои тарканда, зергурӯҳи 1.6	Маҳсулоти ҳассосияти кулли паст, ки хатари таркиши бисёрро надоранд.

Гурӯҳи 2: Газҳо

Зергурухи 2.1

Истифодабарӣ	Шарҳ
Газҳои тездаргиранда • Газҳои даргиранда, гурӯҳи 1 • Аэрозолҳои, гурӯҳи 1,2	Газҳо, даргиранда бо омехта бо ҳаво, бо консентратсияи на зиёда аз 13 % ҳаҷм, инчунин газҳое, ки таносуби минималӣ ва максималии консентратсияе, ки даргирӣ ба амал меояд на камтар аз 12 фисад (новобаста аз консентратсияи минималӣ). *Мисол: асетилен, водород, винилхлорид, зажигалкаҳо.*

Зергурӯҳи 2.2

Истифодабарӣ	Шарҳ
Газҳои дарнагиранда, безахр • Аэрозолҳои, гурӯҳи 3 • Газҳои зери фишор	Ба зергурӯҳи мазкур дохил мешаванд газҳои гулӯгиранда (газҳое, ки оксигени ҳаворо иваз мекунанд ва аралаш мешаванд), газҳои оксидшаванда (газҳое, ки метавонанд даргириро ба амал оранд ва ё сӯхтанро ба дараҷаи баланд нисбати ҳаво кӯмак намоянд), инчунин газҳои дар дигар зергурӯҳҳо дохил нашудаанд. *Мисол: диоксиди карбон (углерода), аргон, гелий, сӯхторхомукунакҳо бо газҳои фушурда ва моеъ.*

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 2.3	**Газҳои заҳрнок**	Газҳое, ки то дарачае заҳрнок ва хӯрандааанд, ки ба саломатии инсон хатарноканд (ва ё эҳтимоли заҳрнокӣ ва хӯрандеӣ ба инсон доранд). *Мисол: аммиак, монооксид углерода, фосген*

Гурӯҳҳои 3 ва 4: Моеъҳо ва моддаҳои сахти алангагиранда

	Истифодабарӣ	Шарх
Гурӯҳи 3	**Моеъҳои тездаргиранда** • Моеъҳои алангагиранда, гурӯҳи 1, 2, 3	Моеъҳои тездаргиранда моеъҳое ҳисоб меёбанд, ки буғҳои даргиранда дар ҳарорати на зиёдтар аз 60°С ҳангоми озмоиш дар зарфи маҳкам ва ё на баландтар аз 65,6°С ҳангоми озмоиш дар зарфи кушода хориҷ менамоянд (ин ҳарорат ҳарорати авҷгир ном дорад. Мисол: *асетон,эфири диэтилӣ, этанол,нафти хом*

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 4.1	**Моддаҳои сахти тездаргиранда** • Моддаҳои сахти тездаргиранда, гурӯҳи 1, 2 • Худтаҷзияи моддаҳои кимиёвӣ ва аралашиҳо, намуди B, C, D, E, F	Маводҳои сахте, ки ҳангоми интиқол метавонанд ба осони даргиранд ва ё метавонанд тарканд ва ё сӯзишро дар натиҷаи соиш кӯмак намоянд; моддаҳои худреактивӣ ки аксуламали шиддатноки экзотермӣ меҳаванд. *Мисол: фосфор, сулфур, пикрат нуқра, пахол*

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 4.2	**Моддаҳое, ки метавонанд худдаргиранда бошанд** • Моеъҳои пирофорнӣ • Моддаҳои сахти пирофорнӣ • Моддаҳо ва аралашиҳои хиимикии худгармшаванда, гурӯҳи 1, 2	Худ аз худ гармшавӣ ҳангоми шароити муқаррар моддаҳо, ва ё моддаҳое, ки қобилияти гармшави ҳангоми расидани ҳаво ва баъдан худдаргирандагӣ доранд. *Мисол: ангишт, пахтаи нам, сулфиди натрий.*

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 4.3	**Моддаҳое, ки газҳои тездаргиранда ҳангоми бо об расидан хориҷ мекунанд**	Моддаҳое, ки газҳои тездаргиранда дар шароити муқаррарӣ ба миқдори хатарнок хориҷ мекунанд. *Мисол: натрий, алюмогидрид лития, гидрид калсий.*

Гурӯҳи 5

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 5.1	**Окисляющие вещества** • Газҳои оксидшаванда • Моеъҳои оксидшаванда • Моддаҳои сахти оксидшаванда	Оксидшаванда моддаҳоеро меҳисобанд, ки на ҳатман худашон сӯзишворӣ бошанд, вале сӯзиши дигар моддаҳоро кӯмак одатан аз ҳисоби хориҷшавии оксиген менамоянд. *Мисол: персулфати аммоний, нитрат калий, перманганат калий*

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 5.2	**Пероксидҳои органикӣ** • Пероксидҳои органикӣ, гурӯҳи B, C, D, E, F	Моддаҳои органикие, ки гурӯҳи –O–O– доранд, метавон тавлиди пероксиди гидроген ҳисоб намуд, дар онҳо як ва ё ду атоми гидроген ба радикалҳои органикӣ иваз шудаанд. Радикалҳои органикӣ метавонанд ҳудгаҷзия бо таркиш шаванд, тез сӯзанд, хассосанд ба зарба ва соиш бошанд, бо дигар моддаҳо таъсири хатарнок ва ё зарар ба чашм расонанд. *Мисол: пероксиди асетиласетон, трет-бутилгидропероксид, бензоилпероксид*

Гурӯҳи 6

	Истифодабарӣ	Шарх
Зергурӯхи 6.1	**Моддаҳои заҳрнок** • Заҳрнокии шадид(таъсири пероралӣ, ҳангоми расидан ба пӯст, таъсири ингалятсионӣ), гурӯҳи 1, 2, 3	Моддаҳое, ки метавонанд марговар бошанд ва ё осеби ҷиддӣ ва ё зарар ба инсон ҳангоми фурӯбарӣ, нафаскашӣ ва ё расидан ба пӯст биёранд. *Мисол: анилин, пайвастагиҳои марги муш, сианид калий, фенол.*

Гурӯҳҳои 8 ва 9

	Истифодабарӣ	Шарх
Гурӯҳи 8	**Моддаҳои занговаранда** • Маводҳои химиявӣ, ки занги металҳоро меоваранд • Маводҳои химиявӣ, хӯриш/варами пӯстро меоранд, гурӯҳи 1A, 1B, 1C	Моддаҳо, ки бо таъсири химиявии ҳуд осеби ҷиддӣ ҳангоми расидан ба бофтаҳои зинда ва ё ҳангоми чакидан ё рехтан дигар молҳоро, воситаи интиқолиро вайрон мекунад, ба вуҷуд меоранд. *Мисол: турши хлорид, пентаоксид фосфор, гидроксид калий*

	Истифодабарӣ	Шарх
Гурӯҳи 9	**Дигар моддаҳо ва маҳсулотҳои хатарнок, ҳамчунин моддаҳое, ки хатар ба муҳити зист доранд.**	Моддаҳое, ки ҳангоми интиқол хатарноканд ва дар дигар гурӯҳҳо навишта нашудаанд. *Мисол: яхи хушк, батареяҳои литий-ионӣ, конденсаторҳо бо қабати дучандаи электрикӣ.*

4.2.2 Калимаҳои ишоратӣ

Барои маълумотдиҳӣ дар бораи сатҳи нисбатан ҷиддии хатар калимаи ишоратии «Хатарнок» (англ. Danger) ва «Эҳтиёт» (англ. Warning) истифода мебаранд. Калимаи «Хатарнок» барои хатари синфи баланд ва калимаи «Эҳтиёт» — барои на он қадар хатарнокиҳо истифода мешавад. Калимаҳои ишоратӣ метавонанд умуман истифода нашаванд, агар хатари моддаҳо дар сатҳи паст бошад.

4.2.3 H-ибораҳо ва P-ибораҳо

Тавсифи кӯтоҳи хатарҳо (H-ибораҳо, тавсифи хатар, огоҳӣ оиди хатар, англ. Hazardstatements) — ба як шакл даромадани огоҳкуни дар баром хусусият ва дараҷаи хатар, ки дар доираи мувофиқаткунӣ дар сатҳи глобалӣ системаи тасниф ва тамғагузории маводҳои химиявӣ СГС. Огоҳкунӣ ҳамчун маҷмуъи ибораҳои стандартӣ барои навиштаҷоти кӯтоҳи факторҳои умумии хатар, ки дар ҳолати сарукор бо маводҳои химиявӣ ба амал меоянд. Дар соли 2011 рӯйхати огоҳкунӣ дар нашри чоруми азнавдидаи СГС ба чоп расида буд.

Тавсифи кӯтоҳи хатарро рамз медиҳанд, ки намуди Нхуу дорад, дар ин ҷо ҳарфи H ифодагари тавсифи кӯтоҳи хатар, рақами х намуди хатар (2 — хатари физикӣ, 3 — хатар барои саломатӣ, 4 — хатар барои муҳити атроф), ва бо ёрии ду адади охир пайдарпайии рақамгузории аниқи хатар, ки дарнатиҷаи хусусияти хоси маводҳои химиявӣ ба амал меояд.

Рӯйхати Н-ибораҳо
Хатар барои ҳолатҳои физикӣ

Код ибораҳо	Кушодани рамзи ибораҳо
H200	Моддаҳои таркандаи ноуствор
H201	Моддаҳои тарканда; хатари таркиши зиёд
H202	Моддаҳои тарканда; хатари зиёди пошхӯрӣ
H203	Моддаҳои тарканда; хатари сӯхтор, таркиш ва ё пошхӯрӣ
H204	Хатари сӯхтор ва ё пошхӯрӣ
H205	Эҳтимолияти таркиш сахт зери таъсири оташ
H220	Гази тез даргиранда
H221	Гази алангиранда
H222	Аэрозоли тез даргиранда
H223	Аэрозоли алангиранда
H224	Моеъ ва буғи фавқулодда тез даргиранда
H225	Моеъ ва буғи тез алангиранда
H226	Моеъ ва буғи алангиранда
H227	Моеъи сӯзанда
H228	Моддаи сахти алангиранда
H229	Баллон зери фишор: ҳангоми гарм шудан метавонад таркиш ба амал ояд
H230	Ҳангоми ба аксуламал дохил шудан метавонад таркиш ба амал ояд ҳатто дар беҳавогӣ ҳам
H231	Ҳангоми ба аксуламал дохил шудан метавонад таркиш ба амал ояд ҳатто дар беҳавогӣ ҳам, ҳангоми фишори баланд ва/ё ҳарорат
H242	Ҳангоми гарм шудан метавонад сӯхтор ба амал ояд
H250	Беихтиёр оташгиранда дар ҳавои кушод
H251	Моддаи беихтиёргармшаванда; эҳтимолияти оташгирӣ
H252	Моддаи беихтиёргармшаванда дар ҳаҷми калон; эҳтимолияти оташгирӣ
H260	Ҳангоми бо об расидан газҳои оташгиранда бухор

	менамояд, ки метавонанд беихтиёр оташ гиранд
H261	Ҳангоми бо об расидан газҳои оташгир бухор мекунанд
H270	Метавонанд алангагириро ба вуҷуд оранд ё зиёд намоянд; оксидкунанда
H271	Метавонанд алангагириро ба вуҷуд оранд ё зиёд намоянд; оксидкунандаи қавӣ
H272	Метавонад алангагириро пурзӯр намояд; оксидкунанда
H280	Дорои гази зери фишор аст; ҳангоми гарм шудан метавонад таркиш ба амал ояд
H281	Дорои гази хунуккардашуда; метавонад ба сӯхта ва маъюбии криогеннӣ оварад
H290	Метавонад ба зангзании металлҳ оварад

Хатар ба саломатии инсон

Код фразы	Кушодани рамзи ибораҳо
H300	Марговар ҳангоми фурӯ бурдан
H301	Захровар ҳангоми фурӯ бурдан
